**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**УДК: 39 (575. 3) (09)**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**САЛИМЗОДА ФАТҲИДДИН ФАЙЗИДДИН**

# РАСМУ АНЪАНАҲО ВА БОЗИҲОИ МАРДУМӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА
**(солҳои 1924 - 2024)**

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)

**Душанбе-2025**

Диссертатсия дар шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Юсуфшоҳ Яқубов** – академики АМИТ, сарходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Расулиён Қаҳҳор Расул** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| | **Сафаров Холмад Хоркашович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров |

Ҳимояи диссертатсия санаи **«25» декабри соли 2025, соати 13 $^{00}$** дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

**Автореферат санаи «____» ____________ соли 2025 тавзеъ шудааст.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори фалсфа (PhD) аз**
**рӯи ихтисоси таърих** **Мирзоев Ш.Ҷ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ фарҳангу анъанаҳои гузаштаи халқи тоҷик, иду ҷашнҳо ва дар маҷмуъ арзишҳои миллӣ бо дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардид. Ин раванд ба рушди давлатдории миллӣ таъсири мусбӣ расонда, миллати тоҷик марҳила ба марҳила аз гузаштаву арзишҳои фарҳангии хеш, анъанаву маросимҳо ва иду ҷашнҳои ниёгони худ воқиф гардид.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ омӯзиши хусусиятҳои таърихиву фарҳангии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ зарур аст. Зеро метавон ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити табиии гуногун аст. Вобаста ба ин ҳар як минтақаи он, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб фарогири фарҳангу анъана, иду маросим ва суннатҳои хоси худ мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳаммияти махсус дорад.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: “Омӯхтани таърих танҳо донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад” [33, с.8].

Фолклоршинос Ф. Муродов гуфтааст: «Дар гузаштаи таърих Данғара серсокин буду шаҳри “чорсӯ”-ро мемонд ва аз байни он ба чор тараф роҳҳои корвонгузар мегузашт» [40]. Ҳоло ҳам ин ноҳия дар фосилаи нисбатан наздик ба пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе, дар шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб қарор дошта, аз ноҳияҳои калону сернуфӯзи вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, дорои анъанаҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва адабии ба худ хос мебошад. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои

мардумшиносӣ ва фарҳангии чунин як ноҳияи ҷумҳурӣ барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Ҷашну маросим ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, ки замоне байни мардум бисёр маъмулу оммавӣ буданд, имрӯз аз онҳо осори кам боқӣ монда, қисмате аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта истодааст. Бинобар ин, омӯзиши анъанаҳои мардумии ин минтақа, хусусан ноҳияи Данғара ниҳоят муҳим аст.

Тибқи пажӯҳиши экспедитсияҳои мардумшиносии пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти ҷумҳурӣ, ки соли 2017 дар минтақаи Кӯлоб сурат гирифтааст, маълум мешавад, ки «... бозиҳои анъанавии бачагона дар байни кӯдакону наврасони баъзе ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб хеле кам мондаанд» [28, 175], бинобар ин, моро зарур аст, ки бахри омӯхтани анъанаҳои мардумии ин қисмати Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ диҳем.

Дигар ин, ки имрӯз бо ризоияти ҳукумати марказӣ ба даштҳои Данғара аз бахши ноҳияҳои кӯҳистони Дарвоз ва Нуробод мардумони бо урфу одати хос кӯчидаанд, ки метавонанд дар урфияти мардумони маҳаллӣ омезиш ворид намоянд, Бинобар ин, омӯзиши урфиятҳои маҳаллиён мубрам аст.

Анъанаҳое, ки бо тавлиду тарбияти кӯдак, барпо кардани оила ва дафну азодорӣ вобастаанд, дар рӯзгори сокинони минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара бо хусусиятҳои фарқкунандагии худ аз мардумони дигар минтақаҳои кишвар то имрӯз боқӣ мондаанд. Гарчанде дар расму оинҳои мардуми минтақаи Кӯлоб ҳамрангиҳои зиёде бо сокинони дигар минтақаҳои Тоҷикистон ва мардумони ориёитабор дида мешавад, лекин вобаста ба муҳити ҷуғрофию таърихӣ, ҳаёти маданӣ ва иҷтимоӣ вижагиҳои фарқкунанда низ мушоҳида мегардад.

Солҳои охир ҷомеа ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯ гашта, бархе аз фарҳанги ғайримоддии худро аз даст дода истодааст. Дар чунин ҳолат барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат моро зарур аст, ки ҳар минтақаи Тоҷикистонро бо истифода аз имкониятҳои васеи замони истиқлол мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳем. Аҳаммияти дигари мавзуи

таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар мисоли мардуми ноҳияи Данғара бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ баррасӣ намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масоили расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара то кунун ба таври пурра омӯхта нашудааст. Омӯзиши ҷашнҳо, маросим ва бозиҳои анъанавии тоҷикон, гарчанде дар садаи XIX аз тарафи муҳаққиқони рус оғоз шуда бошад ҳам, аммо масоили фарҳангии мардуми Данғара ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ дар осору мақолаҳои илмии муаррихон, асару мақолаҳои ҷудогона, асарҳои ёдоштӣ, мақолаҳои публисистӣ ва ғайраҳо иникос ёфтааст, ки метавон онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** метавон асарҳои муаррихон - мардумшиносон, фолклоршиносон, адибон, сайёҳону муҳаққиқони рус ва тоҷикро шомил кард. Ба ин гурӯҳ пажӯҳишҳои олимон: Н. А. Маев [21], Г. Арандаренко [12], В.В. Бартолд [14], Д.Н. Логофет [20], П.И. Демизон [2], И.И. Зарубин [5], В.И. Липский [19], А.В. Нечаев [27], М.С. Андреев [11], Н.А. Кисляков [36], А.К. Писарчик [36], Б.Х. Кармишева [45], С. Айнӣ [9], М.Р. Раҳимов [31], О. Муродов [25], А. Мардонова [22;23], А.М. Мухторов [26], Р. Маҳмадшоев [24], Р. Амонов [10], Ҳ. Пирумшоев [30], Л.Н. Додхудоева [17], З. Юсуфбекова [17], М. Шовалиева [17], Н. Турсунов [38], Ш. Сафаров [35], Д. Раҳимӣ [32] ва дигарон дохил мешаванд. Дар мақолаву рисолаҳои онҳо ҳаёти мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ шурӯъ аз охирҳои асри XIX то даврони муосир инъикос гашта, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардуми тоҷик мавриди таваҷҷуҳи эшон қарор гирифтаанд.

**Ба гурӯҳи дувуми** таҳқиқотҳо осори илмии оид ба таъриху ҷуғрофия, мардумшиносӣ ва дигар соҳаҳои ноҳияи Данғара ва дар маҷмуъ, минтақаи Кӯлоб марбут мебошанд. Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба таърих, таркиби этникӣ, баъзе

расму ойинҳо, касбу ҳунар ва бозиҳои мардумии ин минтақа дар чанде аз китобҳо ва мақолаҳо маълумоти мухтасар оварда шудааст. Чунончи, дар китобу мақолаҳои илмии Ш. Юсупов [43], Ю. Яқубов [44], Н.Х. Нурҷонов, Ғ. Ғоибов [16], Т.Г. Филимонова, У. Шерхон [42], А. Азизов ва дигарон [8], Ф. Салимзода [34], масоили мардумшиносии минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Данғара ба таври фишурда инъикос шудааст .

**Гурӯҳи сеюм** маълумоти шифоҳии ҷамъоваришуда аз ҷониби диссертант ва осори чопшудаи фолклории аҳолии Данғара дохил мешавад. То ба имрӯз якчанд мақолаи илмӣ, баъзе маҷмуаҳои фолклорӣ ба табъ расидаанд, ки ҷанбаҳои шифоҳии фарҳанги мардуми минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Данғараро инъикос мекунанд. Масалан, соли 2002 “Фолклори Данғара” (мурратиб Ф. Муродов) [40], соли 2006 маҷмуаи калони фолклоршиносон С. Фатҳуллоев ва Ф. Муродов бо номи «Фолклори Кӯлоб» нашр шуд [41]. Маҷмӯа аз сарсухани тартибдиҳандагон ва намунаҳои назму насри сокинони минтақаи Кӯлоб иборат буда, мураттибон матнҳоро ба жанрҳо ва мавзуъҳои зерин дастабандӣ намудаанд: бахши “Рубоиёт” ба мавзуъҳои “Ҷудоӣ”, “Фалак”, “Тақдир”, “Насиб” ва “Аҷал” тақсим мешавад. Бахшҳои дигар: таронаҳои баҳория, наврӯзӣ, ишқӣ; сурудҳои тӯй, сурудҳои рақсӣ, сурудҳои бачагона, марсия, сурудҳои ғарибӣ, ҳаҷвӣ ва шӯх, сурудҳои айёми меҳнат, сурудҳои таърихӣ, бадеҳа, зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо ва пора аз эпоси “Гӯрғулӣ”-ро дар бар мегирад].

Маводи «Фолклори Кӯлоб» аз байни мардумони навоҳии Кӯлоб, Восеъ, Муъминобод, Сари Хосор, Данғара, Кангурт, Фархор, Темурмалик ва ғайра аз тарафи мураттибон, фолклоршиносон, адибон ва донишҷӯён дар солҳои гуногун гирдоварӣ шудааст [41].

Маҷмӯаи «Фолклори Данғара» аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, Файзалӣ Муродов тартиб дода шудааст [40], ки асосан фарогири матнҳои фолклорӣ: таронаҳо, бадеҳаҳо, рубоӣ ва дубайтиҳо, чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва афсонаҳо мебошад, ки метавон аз онҳо сурудҳои маросимиро истифода намуд.

Илова ба ин маҷмӯаҳо худи муаллиф дар ҷараёни таълифи диссертатсия аз байни мардум намунаҳои зиёди

фолклориро сабт намудааст, ки дар китобу мақолаҳои чопшудааш ҷойгир шудаанд. Қисме аз ин маводи шифоҳӣ маълумот дар бораи як қатор анъанаҳои мардумӣ, аз қабили расму оинҳои тӯйи арӯсӣ, маросими азодорӣ, шарҳи бозиҳо, шеваи таҷлили идҳои миллӣ ва ғайра мебошанд, ки дар таълифи диссертатсия ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** адабиёте шомил аст, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия тааллуқ доранд. Вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ баъзе мақолаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд, ки дар зер намунаҳои нисбатан муҳимтари онҳоро муаррифӣ менамоем.

Маҷмуаи мақолаҳои муҳаққиқ Акобир Абдуллоев[7] ба масъалаҳои фолклоршиносӣ ва мардумшиносии минтақаи Кӯлоб бахшида шуда, дар он оид ба фаъолияти гӯрғулисарои данғарагӣ Муллои Азим, ҳунари созтарошии Саидисломи Устоғулом, маҳорати зинсозии ҳунармандони деҳаи Яккатути ҷамоати деҳоти Корез, донишу таҷрибаҳои кабкпарварӣ, ҷашни Наврӯз, бозиҳои бачагона ва варзиши суннатии мардуми ин ноҳия дар замони шуравӣ ва истиқлол маълумоти этнографӣ оварда шуда, ба мавқеи бозиҳои варзишии суннатӣ дар рӯзи Наврӯзи Данғара маълумоти мухтасар медиҳад. Ӯ қайд кардааст, ки «дар ноҳияи Данғара бахшида ба ҷашни Наврӯз бозиҳои зиёде гузаронида мешавад ва он ҳама баҳри болидарӯ гардонидани кӯдакону наврасон, барои якдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат, хушҳолӣ ва аз дилҳо бурун кардани кибру ғурур ва пеш аз ҳама хотирмону шавқовар гузаронидани иди Наврӯз доир карда мешаванд» [7].

Соли 2017 китоби “Фарҳанги ғайримодии халқи тоҷик” (шумораи 4) [39], ки натиҷаи экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоотро аз навоҳии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон фаро мегирад, тавассути нашриёти “Аржанг” аз чоп баромад. Дар ин маҷмуа якчанд мақола ба фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара бахшида шудаанд.

Дар ин сафар муҳаққиқ Д. Раҳимов дар бораи бозиҳои бачагонаи мардуми Данғара, аз ҷумла чиликдангал, хурӯсҷанг, тухмҷанг, гӯштингирӣ, бандкашӣ, дастхобонӣ, буҷулбозӣ, макмакбозӣ, лухтакбозӣ, бандпарак, чормағзбозӣ, сақобозӣ

маълумоти мухтасар дода, ёдрас мешавад, ки бозиҳои анъанавии бачагона дар ин минтақа хеле кам шуда, зарурати муфассал омӯхтанро доранд [39].

Ҳамин тариқ, паҳлӯҳои гуногуни расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, хусусан ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ дар асарҳои илмӣ ва фолклоршиносӣ иникос шуда, аз нигоҳи таърихӣ пурра омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаи нақшаи дурнамои шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, барои солҳои 2021-2025 «Мардумшиносии Тоҷикистон» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ, маълумоти этнографӣ ва осори фолклорӣ, инчунин мушоҳида ва суҳбатҳои мустақим расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғараро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, дурустии масъалаҳои таҳқиқшавандаро мушаххас карда, маълумоти тоза дарёфташударо ба доираи илмӣ ворид намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи рисола иҷрои чунин вазифаҳоро зарур мешуморад.

– дар асоси адабиёти ҷуғрофӣ ва таърихӣ муайян намудани масоили ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳияи Данғара;

– омӯзиши анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ;

– таҳлили маросими хонадоршавӣ дар Данғара;

– муайян намулани маросими таваллуди кӯдак;

– мушаххас намудани расму анъанаҳои азодорӣ;

– муайян намудани намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар ноҳияи Данғара;

– таҳлили бозиҳои бачагону наврасони ноҳияи Данғара.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, бозиҳо, таърих ва фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара дохил мешавад.

**Мавзу (предмет)-и таҳқиқот.** Баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ (солҳои 1924-2024), дар асоси адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, асару мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва маълумоти шифоҳӣ мебошад.

**Давра ва марҳилаи таҳқиқот.** Давраи таҳқиқот замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолиро фаро гирифтааст. Сарҳади поёнии он аз соли 1924 оғоз ёфта, охири он ба соли 2024 рост меояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила дар шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ давоми солҳои 2021-2025 ба тавсиб расидааст.

**Марҳилаи якум** - солҳои 2021-2022-ро дар бар мегирад. Ин марҳила аз унвонҷӯйи шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 07 – Мардумшиносӣ, этнология ва анторопология шудан, интихоби мавзуъ, интихоби роҳбари илмӣ, ҷамъоварии мавод, омӯхтан ва таҳлили мавзуъ, навиштани муқадимма, боби аввали рисола, интишори як қатор мақолаҳо оид ба мавзуи интихобнамуда ва иштирок дар конференсияҳои сатҳи гуногун иборат мебошад.

**Марҳилаи дуюм** – солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, дар ин муддат боби дуюму сеюми рисола ҷамъбаст мегардад. Як қатор мақолаҳои илмӣ ба табъ расонда шуданд. Роҳбари илмӣ иваз гашт. Дар ин марҳила ҳамчунин, минуми номзадӣ аз фанҳои «Забони хориҷӣ» ва «Таърих ва фалсафаи илм» супорида шуд.

**Марҳилаи сеюм** – аз моҳи январ то сентябри соли 2025-ро дар бар мегирад. Дар ин давра минимуми номзадӣ аз фанҳои «Таърихи умумӣ» ва аз рӯи тахассус супорида шуда, рисола ба анҷом расид. Ба рисола баъзе ислоҳҳо даровардa шуда, пурра таҳқиқ мегардад, хулосаи кори диссертатсионӣ бароварда,

автореферати кор анҷом дода мешавад. Рисола барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Ҳудуди ҷуғрофиёи таҳқиқот.** Ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғараро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назаррявии рисоларо корҳои илмӣ таҳқиқотии олимони таърихшинос, мардумшинос ва осори фолклоршиносону ҷомеашиносони шуравӣ ва замони истиқлолият ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқ аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ, мушоҳидавӣ ва мусоҳиба истифода шудааст. Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи омӯзиши мардумшинсӣ, таърих, ҷуғрофия ва фарҳангшиносӣ сурат гирифтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот чунин манбаъҳо истифода гардиданд:

– таҳқиқотҳо, осори илмие, ки ба таъриху ҷуғрофияи Данғара ва минтақаи Кӯлоб марбут ҳастанд;

– асарҳои илмие, ки дар асоси нигоштаҳои мардумшиносон ба мавзуҳои расму анъана, ҷашнҳо ва бозиҳои мардумӣ бахшида шудаанд;

– адабиёте, ки роҷеъ ба масъалаҳои фолклорӣ, этникӣ ва касбу ҳунар алоқаманд мебошанд;

– маълумоте, ки дар рафти сафарҳои инфиродии диссертанд ва мусоҳиба бо сокинони ноҳия ба даст омадааст.

Сарчашмаҳо мувофиқи талаботи илмӣ бо баёни хулосаҳои шахсӣ истифода гаштаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳқиқи баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара бахшида шудааст. Инчунин, нивовариҳои таҳқиқот дар нуқоти зерин баён мегардад:

– ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании мардуми ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шуд;

– ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия муайян гардид;

– таҷлили ҷашни Наврӯз дар замони шуравӣ ва соиҳбистиқлолӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт;

– баргузории тӯйи домоду арӯсӣ дар ноҳия омӯзиш ёфта, рафти он бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон муқоиса карда шуд;

– маросими таваллуди тифл пажӯҳиш ва арзёбӣ гашт;

– расми мурдадорӣ таҳқиқ гашта, аз рӯи мушоҳида ва маълумоти додаи сокинони ноҳия бо тарзи хронологӣ муфассал баён карда шуд;

– аҳамияти расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ гардид;

– расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ҳамчун омилҳои таъсиргузор ба ҳаёти мардум мавриди омӯзиш қарор ёфт;

– сифатҳои иҷтимоии сокинони ноҳия дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва робитаи ногусастанӣ доштан бо анъанаю бозиҳои суннатии тоҷикон таҳлил гардид.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

– Иду ҷашнҳо, ки аз замонҳои қадим оғоз ёфта, давраи тӯлонии таърихро то замони мо дар бар гирифтаанд, дар шакли иҷро ва ё амали эҷодиёти суннатии мардум як бахши ҳаёти анъанавии миллат мебошанд;

– маросимҳои мардумӣ ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро мепайванданд ва барои ваҳдату ягонагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва мустаҳкам шудани муносиботи қавмӣ ва худшиносии миллӣ воситаи муҳим мебошанд;

– анъана, паҳлуҳои гуногуни рӯзгори мардум, расму оин, маишат ва ғайраро фаро гирифта, хислатҳои руҳии миллат ва ё гурӯҳи қавмҳои маданияташон бо ҳам наздикро, ки дар миқёси як ноҳия сукунат доранд, инъикос мекунад;

– анъана ё суннат аз таъриху фарҳанги халқ сарчашма гирифта, дар раванди таърихи ноҳия аз рӯйи моҳият устувор мебошад;

– бозиҳои бачагона маҳсули эҷоди мардуми ноҳия ва минтақа буда, аз таъриху фарҳанги халқ маншаъ гирифта, дар ташаккули шуури миллат нақши муҳим мебозанд;

– урфу одат, расму ойинҳо ва бозиҳои мардумӣ як навъ унсурҳои маданӣ буда, дар заминаи падида ва ҳодисаҳои ҷамъиятие, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ дар ҳудуди

ноҳияи Данғара ва минтақаи Кӯлоб рух додаанд, ба вуҷуд омада, аз насл ба насл ба мерос расидаанд.

**Аҳаммияти назарявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ин рисола бори аввал мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, маълумоти муфид додааст. Ахбори дақиқ оид ба мардумшиносӣ дар ноҳияи Данғара ва умуман минтақаи Кӯлоб хеле кам дастрасанд ва ин рисола метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш намояд. Илова бар ин, натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои иҷрои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, онро ҳамчун сарчашма барои омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар бахшҳои мардумшиносии фанҳои таъриху география, этика, эстетика ва фарҳангшиносӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо таҳлили суҳбатҳо, дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо бо методологияи муносибати системавии консепсияи илмии ташхисӣ асоснок карда шуда, ба методҳои таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ такя мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба равияи илмҳои таърихӣ дохил буда, ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ.** Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузоштaшуда аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, мақсади гузоштaшуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода нумуда, рӯйи чоп овардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Тавсиби натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳурявии зерин ба иҷро расидааст: Анъанаҳои мардумии хонадоршавӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2021) / «Мақолоти таърихӣ» / Маводи конференсияи ҷумҳурявӣ. – Душанбе: “Шоҳин-С”, 2022. – С. 45-59; Тӯйи домоду арӯсӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара (дар замони истиқлолият) Конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-назарявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. – Данғара 8 июни соли 2024. – С. 203-208; Фарқият, ҳолат ва нигоҳи мардум нисбат ба мазорҳо ва гӯронидани майит (дар мисоли ноҳияи Данғара) // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ – назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». – Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 165 – 169; Маросими «Ашаглон»-и ростина дар Данғара // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». – Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 152 – 15.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Протоколи № 10 аз 1 декабри соли 2024) муҳокима ва барасӣ гаштааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқарароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаҳои илмӣ аз ҷумла: 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ва 2 китоби илмӣ-оммавӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, номгуи адабиёт (259 номгӯ), замима (расмҳо) иборат буда, дар ҳаҷми 199 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дарачаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи минбаъдаи кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назарявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

**Боби якум “Ҷанбаъҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва таҷлили ҷашнҳо дар ноҳияи Данғара”** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб дар бораи мафҳуми “данғара”, ҷанбаъҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ноҳияи Данғара ва ҷашнгирии Наврӯз бо тамоми суннату оинҳои мардумияш таҳқиқоти муфассал анҷом дода шудааст. **Зербоби якуми боби якум “Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия”** унвон дошта, ҳангоми омӯзиши ин бахш муайян карда шудааст, ки оид ба ҷуғрофиёи Данғара сарчашмаҳои хаттӣ ҳарчанд, вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо дар шакли кам ва парокандаю нопурра мебошанд.

Мувофиқи маълумоти саридораи бойгонии Тоҷикистон (варақаи 57; 110) Данғара чун ноҳияи мустаъқил 8-уми июли соли 1932 ташкил дода мешавад, ки мувофиқи он қаламрави имрӯзаи ноҳия то соли 1936 бо номи Оқсу ёд шудааст.

Ба ҳайати он деҳшӯроҳои Оқсу, Булён, Иғрон, Макеев, Сангтӯда дохил буданд. Мувофиқи гуфтаҳои калонсолон, он вақт дар деҳаи Оқсу идораҳои давлатӣ, нуқтаҳои қабули маҳсулот, гарнизони аскарони сурх ва муассисаи ислоҳотӣ мавҷуд будааст.

Мувофиқи таҳқиқоти Ҷ.Ҳ. Талбаков Данғара то соли 1938 аввал ҳамчун ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ, пасон солҳои 1944-1947 дар ҳайати собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, солҳои 1947-1955 ва солҳои 1974-1992 дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб ва аз моҳи августи соли 1955 то соли 1973 Данғара ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ буд [37, с.178].

Соли 1993 вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа муттаҳид карда шуданд ва он номи Хатлонро гирифт. Ноҳияи Данғара аз ҳамон сол дар ҳайати вилояти Хатлон мебошад.

Маркази ноҳия шаҳраки Данғара маҳсуб ёфта, масофаи байни он то пойтахти ҷумҳурӣ-шаҳри Душанбе 100 км ва то маркази вилояти Хатлон-шаҳри Бохтар 76 км мебошад.

Ноҳияи Данғара дар шимол бо шаҳри Норак, дар шарқ бо ноҳияҳои Темурмалик ва Восеъ, дар ғарб бо ноҳияҳои Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Леваканд, дар ғарбу ҷануб бо ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш ва дар ҷануб бо ноҳияи Фархор ҳамсарҳад мебошад. Марзи ноҳия аз шимол ба ҷануб 140 км, аз шарқ ба ғарб ба масофаи 100 км тӯл кашидааст.

Масоҳати умумии ноҳия 2,1 ҳазор километри мураббаъ буда, он дар қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷойгир аст.

Дар вақти ташкилёбӣ ноҳия аз 5 ҷамоати қишлоқ ва 90 деҳаи хурду калон иборат буда 21 ҳазор аҳолӣ дошт [37, с.178]. Алҳол ноҳияи Данғара яке аз ноҳияҳои калонтарини вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, аз 1 ҷамоати шаҳрак, 8 ҷамоати деҳот:

1. Ҷамоати деҳоти Лолазор, марказаш деҳаи Чорсада.
2. Ҷамоати деҳоти Лоҳур, марказаш деҳаи Тоҷмаҳал.
3. Ҷамоати деҳоти Пушинг, марказаш деҳаи Аличон.
4. Ҷамоати деҳоти Исмат Шарифов, марказаш деҳаи Хуррамзамин ( собиқ Ҷартеппа).
5. Ҷамоати деҳоти Корез, марказаш деҳаи Рахшонзамин (собиқ Данғараи Боло).
6. Ҷамоати деҳоти Себистон марказаш деҳаи Себистон.
7. Ҷамоати деҳоти Оқсӯ, марказаш деҳаи Файзбахш.
8. Ҷамоати деҳоти Сангтӯда, марказаш деҳаи Гулистон.

ва 91 деҳаи хурду калон иборат буда, дорои 180 ҳазор аҳолӣ мебошад [34, с.256].

Дар рафти пажӯҳиш муайян гардид, ки қисмати шимолии ноҳия кӯҳсор буда, ҳамвориҳо аз доманакӯҳҳои Гули Зиндон ва Морон ба тарафи ҷануб паст шуда меравand. Дашти Данғара пастхамии байникӯҳӣ буда, бо мурури замон бо обвардҳои дарё ва селобаҳо ташаккул ёфтааст. Дар ташаккулёбии табиии релефи ноҳия дарёчаи Оби Тоҳир, ки дар сарчашмаҳо Буроб, Бурдон ёд шудааст, саҳмгузор мебошад.

“Иқлими ноҳия континенталӣ, тобистонаш гарми хушк ва зимистонаш муътадил аст. Ҳарорати миёнаи июл + 26 + 28 С° гарм, январ 0 – 2 дараҷа сард мебошад” [13, с.54-55].

Ноҳияро аз се тараф кӯҳҳои паст иҳота намуда, як тарафаш ба сӯйи биёбонҳо ва нимбиёбонҳо кушода аст. Яъне ҷойгиршавии ноҳияи Данғара дар қисмати ҷануб ба сарҳади минтақаҳои нимбиёбонӣ мерасад, ки ин иқлими даштҳоро муътадили хушки континенталӣ мегардонад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ баъди обёрӣ кардани заминҳои лалмӣ ва сохта ба истифода додани иншоотҳои калони саноатӣ, Данғара ба яке аз ноҳияҳои калонтарини кишоварзӣ – саноатии вилояти Хатлон табдил ёфтааст.

Дар қисмати таърихи ин зербоб кӯшиш карда шудааст, ки таърихи ноҳияи Данғара ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Муайян карда шуд, ки таърихи асри санги палеолити боло, мезеолит ва неолити ноҳия нисбати дигар минтақаҳои Тоҷикистон хубтар омӯхта шудааст. Дар омӯзиши он саҳми олимони рус ва тоҷик калон мебошад.

Таҳқиқ карда шуд, ки ҷойнома [топоним]-и Данғара калимаи ориёӣ буда, асли калима ҷанбаи таърихӣ дорад. Он аз ду қисм Дан-об ва ғар ё ғара-кӯҳ иборат аст, яъне маънои калимаи Данғара ин обе, ки аз кӯҳ мебарояд, мебошад [44, с.1-3].

Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои зиёди илмӣ кӯшидааст, ки мафҳуми Данғараро шарҳ диҳад. Бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ӯ муайян намудааст, ки Данғара дар таърихшиносӣ ҳамчунин, бо номҳои Тамлиёт[1] ва Дашти Кӯлак [4;6] ёд шудааст. Дар асрҳои миёна деҳаҳои ободу сераҳолии он Пушинг [4] ва маҳали Кӯлон [16] дониста шудаанд. Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара ба се амлокдорӣ: Пушинг, Тутқавул ва Олимтой тақсим гардида, калонтаринаш Пушинг будааст. Аз байни олимони рус, чуноне муаллиф қайд намудааст: аввалин маълумотро дар бораи мавзеҳои имрӯзаи Данғара Н.А. Маев [21, с.85]-ёде аз деҳаҳои Кулли Сӯфиён, Талхоб ва Гулӯи Зиндон, В.И. Липский [19, с.268]-нисбати қисматҳои шимол, ҷанубу шарқии ҳудуди ноҳия ва А.В. Нечаев [27, с.97]-нисбати

[1] Дар "Ҳудуд-ул-олам"-и муаллифаш номаълум, асарҳои Ал – Истахрӣ, Ибни Ҳавкал омадааст.

деҳаҳои Сангтӯда, Саргазон ва кӯҳи Морон (Ҷелонтоғ) додаанд.

Соли 1932 ноҳияи Данғара таъсис ёфта, аввалин колхозҳо ва совхоз (аввал “Намуна” ва сипас номи Данғараро мегирад) - и ғаллакорӣ ташкил карда мешаванд. Барои рушди заминдорӣ, чорводорӣ ва кишоварзӣ муҳоҷирони ихтиёриро аз минтақаҳои кӯҳӣ: мавзеъҳои кӯҳсори Санглоху Сар-Сарак, Кулли Сӯфиён, Кангурт, Сари Хосор ва Балҷувон ба ҳудуди имрӯзаи ноҳия мекучонанд. Ин ҳолат барои рушди чорводорӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ ва умуман азхудкунии заминҳои корам мусоидат намуда, фаъолияти колхозҳо ва совхозҳо дар ноҳия ҷоннок карда мешаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои 1941-1945 кору зиндагӣ барои сокинони ноҳияи Данғара хеле мушкил мегардад. Дар охири солҳои 40-ум то ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта хоҷагиҳои дастаҷамъии хурд-хурд, ки даҳҳо ададро ташкил медоданд, муттаҳид шуда, ноҳия ба яке аз минтақаҳои калонтарини кишоварзии ҷумҳурӣ табдил меёбад.

“4-уми майи соли 1986 ба даштҳои Данғара тавассути нақби обгузари 14 километра оби рӯди Вахш оварда шуд” [15, с.200], ки он дар рушди хоҷагии халқи ноҳия дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд оварда истодааст.

Ба андешаи муаллиф давраи рушду тараққии ноҳия асосан замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Ноҳия дар ин давра ба дастовардҳое ноил шуд, ки дар тули 70 соли ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд наомада буд. Давраи истиқлолро дар таърихнигории Данғара махсус зикр кардан лозим аст, зеро дар ин давра он ба яке аз калонтарин навоҳии кишоварзӣ - саноатии Тоҷикистон табдил ёфт. Корхонаҳои калонтарин: ҶМЧ ҶСП “ҶУНТАЙ Син-силу текстил” (дар ҳамкорӣ бо ҶМЧ), НБО-и Сангтӯда-1 (дар ҳамкорӣ бо Руссия), НБО-и Сангтӯда-2 (дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии исломии Эрон), Минтақаи озоди иқтисодӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи тиббии Хатлон ва даҳҳо дигар иншоотҳои саноатию маданӣ сохта мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Дар зербоби дуюми боби якум “Анъанаи ҷашни Наврӯз дар ноҳияи Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соиҳбистиқлолӣ”** муаллиф дар бораи яке аз ҷашнҳои бузурги миллати тоҷик

Наврӯз маълумоти муфассал додааст. Дар ин қисмати кор дар бораи мафҳум, моҳият, таҷлили ҷашн ва эҳёи суннатҳои наврӯзӣ дар ноҳияи Данғара баҳс кардааст.

Муаллиф меорад, ки Наврӯз қадимтарин ҷашни мардумони ориёитабор буда, дар фарҳанги мардуми тоҷик он бо номҳои Иди соли нав, Сари сол ва Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Калимаи Наврӯз аз ду ҳисса - «нав» ва «рӯз» сохта шуда, маънои рӯзи нав, рӯзи аввали фасли баҳорро мефаҳмонад.

Бо истифода аз сарчашмаҳо дар аввали ин қисмати кор муаллиф сароғоз аз моҳияти пайдоиши ҷашнҳои миллии тоҷикон ёдовар шуда, сипас дар бораи Наврӯз аз нуқтаи назари ҳакимони асримиёнагии тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём баррасӣ намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои қадимаи миллати тоҷик мебошад, ки таърихи бисёрҳазорсола дорад. Ин ҷашни бузурги миллиро тоҷикон дар ҳамаи давру замонҳо новобаста аз сиёсати давр таҷлил менамуданд.

Чӣ хеле ӯ қайд кардааст: дар замони шуравӣ идҳои 1-уми январ, 8-уми март, 1-уми май, 9-уми май ва 7-уми ноябр ҳамчун идҳои давлатӣ ботантана ҷашн гирифта мешуданд. Аммо ҷашнҳои миллӣ - Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ва ҷашнҳои динӣ - хатна, Иди Қурбон ва Иди Рамазон расман манъ буданд, лекин дар ин бора дар адабиётҳо маълумот дастрас нест. Ба ин нигоҳ накарда таҷлили ин идҳо дар доираи мардуми одии минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара гузаронида мешуданд. Ҳарсола пеш аз саршавии киштукори умумӣ Наврӯз ҷашн гирифта шуда, «Деҳқонони ин ё он деҳа қитъаи каме заминро кишт ва шахси калонсолтарини деҳа тухмиро ба замин пошида, аз нахустин рӯзи баҳор - оғози кишту кор ва ҷашни Наврӯз мужда медоданд»

Муаллиф ҷашнгирии Наврӯзро дар давраи шуравӣ ба 12 қисмат: «Вижвгиҳои ҷашни Наврӯз», «Кашидани расм дар девори хона бахшида ба иди Наврӯз», «Хонатаконӣ», «Сару либос ва зиннати наврӯзӣ», «Аловпарак», «Маросими гулгардонӣ», «Густурдани хони наврӯзӣ», «Хӯрокҳои наврӯзӣ», «Айёдати калонсолон», «Идгардаки занон»,

«Варзиш ва таҷлили Наврӯз», «Таҷлили Наврӯз дар солҳои 80-90-ум» ҷудо намуда, таҳқиқот бурдааст.

Дар қисмати охири пажӯҳиши ин қисмати зербоб муаллиф такя ба мушоҳидаҳои шахсӣ ва гуфтаҳои калонсолон карда, қайд менамояд, ки дар солҳои охири мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ҳангоми таҷлили Иди Наврӯз дар ноҳия баъзе унсурҳои диниро илова карданд. Чӣ хеле ӯ қайд кардааст: «Дар рӯзҳои наврӯзӣ дар деҳаю маҳаллаҳо бо роҳбарии яке аз бошандагони фаъоли он аз мардум пул ҷамъ намуда, чорвои калони шохдор (буққа) ва қанду мева харидорӣ мекарданд. Дар рӯзи муайяншуда ҳар оилаи маҳалла ба адозаи ҳимматаш нону кулча, ё орзуқу чалпак пухта, ба дастархони ҷашнӣ меоварданд. Чорворо забҳ намуда, аз гӯшташ шӯрбо мепухтанд ва маҳалҳои наздикро ба «оши худоӣ» ё ба ибораи дигар «нони худоӣ» бахшида ба «сари сол» даъват менамуданд. Муллои гузар баъди хестани ҳар гурӯҳи одамон оёте аз Қуръони карим хонда, ҳамагон шукронаи тинҷию амонӣ ва омадани Наврӯзро мекарданд

Қисмати дуюми ин зербоб, ки давраи соиҳбистиқлолиро дар бар мегирад, муаллиф қайд менамояд, ки дар ноҳияи Данғара тибқи сарчашмаҳои шифоҳӣ мардуми бумии он Наврӯзро ҳамчун оғози соли нав, эҳёи табиат ва оғози кишту кори кишоварзӣ таҷлил менамуданд. Наврӯз суннатҳои зиёде дорад, ки мардуми ноҳияи Данғара онро дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ бо пуррагӣ иҷро намуда, ҷашн мегиранд.

Дар ҷашнгирии Наврӯз сокинони Данғара як қатор маросимҳоро доир менамоянд. Аз ҷумла маросими гулгардонӣ, ки дар ин айём табиат эҳё шуда, гули сиёҳгӯшу тағорашиканак, зардак рӯида, мужда аз омадомади Наврӯз ва фасли гармо медиҳад.

Маросими гулгардонӣ бештар дар байни сокинони деҳоти ноҳия роиҷ аст. Маросими дигар ин “аловпарак” мебошад. Дар рафти он ҳангоми аз болои оташ ҷаҳидан, мардум дар он боваранд, ки ҳамаи дарду маризиҳояшон нест шуда, инсон солиму бардам мемонад. Ҳамзамон ин маросим ба хотири падруд гуфтан бо сардӣ ва истиқболи гармӣ доир мегардад. Дар ҷашнгирии Наврӯз дастархони идона густурда мешавад. Сокинон на танҳо дар марказҳои маъмурӣ ва ё

ҷашнгоҳҳо, балки дар маҳалҳо, дар хонаҳои худ хон ороста, ин ҷашни бузургро таҷлил менамоянд. Пеш аз ҷашнгирии Иди Наврӯз сокинон маросими дигар – хонатакониро мегузаронанд. Ба хотири тозаву озода нигоҳ доштани хона ва муҳити атроф ҳамчунин, мардум ба ҳашарҳои тозакунии ҷӯй ва кӯчаҳо мебароянд.

Яке аз суннатҳое, ки дар миёни мардуми ориёиасл, аз ҷумла тоҷикон ва мардуми Данғара имрӯз ҳам пойбарҷост, чанд рӯз пеш ё ҳамзамон рӯзи ҷашни Наврӯз пухтани суманак мебошад, ки, дар баъзе минтақаҳои тоҷикнишин онро «саманак» ва «awn» низ меноманд.

Мувофиқи пажӯҳиши диссертант ва маълумоти додаи сокинон дар ноҳияи Данғара оғоз аз аввали моҳи март дар лаган ва табақҳои сафолию чӯбӣ гандуми тозаю бенуқсро ба миқдори 2-3 см баландӣ гирифта, дур аз нури тези офтоб барои суманакпазӣ месабзонанд. Онро ҳангоми боронҳои тезгузари баҳорӣ зери борон гузошта, об медиҳанд, то ки сабза тез авҷ бигирад. Агар борон нашавад, дар як рӯз ду-се маротиба об *«чилча»* мекунанд. Дар даҳаи дуюми моҳ, вақте сабзаи суманак 2-3 см қад мекашад, аллакай суманакпазӣ оғоз меёбад.

Пас аз ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон қатъи назар Наврӯз ва суннату оинҳои он дар сатҳи ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда мешавад. Бо ташаббуси сарони давлатҳои ҳавзаи Наврӯз аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2010 иди Наврӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил карда мешавад.

Чӣ хеле муаллиф қайд кардааст: дар ноҳияи Данғара омодагиҳо ба пешвозгирии Наврӯз тақрибан 10-15 рӯз пеш аз оғози ҷашн шурӯъ мегардид. Қабл аз фарорасии ҷашни Наврӯз барои барпо намудани чорабиниҳои наврӯзӣ тамоми кӯчаҳо ва боғи маркази шаҳраки Данғара тозаю озода карда шуда, идона оро дода мешавад.

Бахшида ба ин ид дар ҳудуди Маҷмааи Хуррамшаҳри ноҳия намоиши ҳунарҳои мардумӣ, дастовардҳои сокинони ноҳия, намоиши сару либосҳои миллӣ гузаронда шуда, аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо ва кадбонуҳо таомҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ, қаннодию хӯришҳои гуногун ба тамошо

гузошта мешавад. Баъдан намояндагони ҳукумати ноҳия ва меҳмонҳо аз дастархони наврӯзӣ дидан менамоянд. Меҳмонони аз дуру наздик омада дар нишастгоҳҳо ҷой мегиранд. Сипас, гулдухтарону писарон бо либосҳои зебою рангоранг вориди наврӯзгоҳ шуда, шукӯҳбахши базми наврӯзӣ мегарданд .

Бо садои форами мусиқии «Бӯи баҳор меояд...» ҷашни наврӯзӣ оғоз мегардад. Ровиён тараннуми васфи баҳору Наврӯзро намуда, роҳбарони ноҳия ва намояндагони ҳокимияти вилоят ва ҷумҳурӣ меҳнаткашони ноҳияро табрик гуфта, онҳоро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ шодбош мегӯянд.

Ҳамин тариқ дар Наврӯз мардуми ноҳияи Данғара суннатҳои зиёди ин ҷашни аҷдодиро нигоҳ дошта, онҳоро тантана мекунанд, аз ҷумла пухтани хӯрокҳои наврӯзӣ: суманак, оши бурида, оши палов, ойлова, ширбиринҷ ва ғайра; аёдати калонсолон, “идгардак”-и занҳо, оштидиҳии қаҳриҳо баргузории як қатор бозиҳои мардумиву варзиширо доир менамоянд.

**Боби дуюми рисола “Маросимҳои анъанавии мардумӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара”** номгузорӣ шудааст. Дар он омадааст, ки ҳар як миллату халқият дорои расму ойин ва суннатҳои ба худ хос мебошанд. Дар таркиби анъанаҳои миллӣ боз суннату ойин ва анъанаҳое вуҷуд доранд, ки хоси маҳал ё минтақаи алоҳида мебошанд ва онҳо бо хусусиятҳои табииву ҷуғрофияшон аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар ин боб муаллиф кӯшишдааст, ки перомуни ҷашни хонадоршавӣ ё тӯйи арӯсиву домодӣ, маросимҳои таваллуд, фавт ва дафну азодорӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳад.

Муаллиф дар баробари маъхазу сарчашмаҳои илмӣ аз суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия ва маълумоти додаи онҳо истифода бурдааast.

**Дар зербоби якуми боби дуюм, ки “Ҷашни арӯсӣ дар водии Данғара”** номгузорӣ шудааст, муаллиф таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст. Аз омӯзиш ва таҳлили ин зербоб маълум гашт, ки сокинони ноҳияи Данғара дар доираи фарҳанги миллии худ соҳиби сохтори хело ҳам муносиби

таърихии оиладорӣ мебошанд, ки дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва омӯзишӣ мебошад.

Ҷашни арӯсии мардуми ноҳияи Данғара сертаркиба буда, дар доираи фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ сохтори хеле муносиби суннатиро дорост. Вобаста бо баъзе вижагиҳои хоси мардуми Данғара дар тӯйи арӯсии сокинони ноҳия баъзе хусусиятҳои тафовутӣ низ дида мешаванд. Аммо бо суннатҳои сокинони минтақаи Кӯлоб, Ҳисор [23, с.114], водии Рашт [36] ва тоҷикони бурунмарзӣ ҳамрангиҳои зиёдеро доро мебошанд. Оилаҳои мардуми Данғара чун аксари минтақаҳои Тоҷикистон сертаркиба ва падарсолорист, ки дар онҳо робитаҳои зичи хешутаборӣ вуҷуд дорад. Он аз бобоҳою бибиҳо, падару модар, фарзандон ва дигар занҷири пайвандон иборат буда, ҳар яке дар тарбияти инсони комил барои ҷомеа саҳмгузоранд, қайд менамояд, муаллиф.

Муаллиф гуфтаааст, ки ҳар як бахши ҷараёни ҷашни арӯсӣ сар то по бо лаҳзаҳои бадеӣ, фолклорӣ, санъати мусиқӣ ва фалаки даштию роғӣ зинат ёфтааст, ки аз маънавиёти ғании мардуми тоҷик дарак медиҳад.

Бинобар ин, диссертант гуфтаҳои олимон ва маводҳои этнографии ҷамъоваришудаи хешро ба эътибор гирифта, ба хулосае меояд, ки маросими тӯйи мардуми Данғараро ба якчанд давра ва марҳилаҳо ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҷумла:

Тӯйи арӯсӣ чандин марҳиларо дар бар гирифта, хеле ботантана мегузарад. Марҳилаҳои асосии тӯй: хостгорӣ, фотиҳа, сарупобинон, тӯй дар хонаи домод, сартарошон, хусурталбон; тӯй дар хонаи арӯс, арӯсбинон, маросими саршӯён, домодталбон ва ғайра мебошанд.

Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ ва маълумоти додаи ҳамсуҳбатон муаллиф муайян кардааст, ки нисбати замони шуравӣ дар давраи истиқлолият дар бунёд кардани оила дигаргуниҳо ба вуқӯъ омадааст. Дар замони ҳозира аксари ҷавонон бо интихоби шахсӣ ҳамсари ояндаи худро муайян намуда, хонадор мешаванд. Дар замони шуравӣ ва пеш аз он домоду арӯсро волидон ё наздикони онҳо аз ҳисоби фарзандони хешу табор, ҳамсояҳо ва ёру дӯстонашон интихоб менамуданд. Алҳол ин вазъият тағйир ёфта, аксарияти навхонадорон ҳамсарони худро инфиродӣ интихоб намуда,

падару модари онҳо танҳо барои хостгорӣ рафта, ба хонадоршавии ҷавонон кӯмаки моддӣ ва амалӣ мерасонанд. Ин раванд қобили қабул мебошад, зеро, ки бо рушди ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии насли наврасу ҷавон дар мустаҳкамшавии оилаҳо он метавонад, таъсири мусбӣ расонад.

Гузарондани ақди никоҳи расмӣ дар идораи "Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ" ҳатмӣ буда, ақди никоҳи шаръӣ дар ҳузури якҷояи ҳарду тараф барпо мегардад.

Ҳамин тариқ дар рафти таҳқиқот муайян карда шудааст, ки ҷашни арӯсиву домодӣ маросими муҳими иҷтимоисозии оилавӣ буда, он дар ноҳияи Данғара дорои суннатҳои зиёд мебошанд. Мардум он сунатҳоро пос медоранд ва рафти тӯйҳо дар доираи он суннатҳо доир мегирад. Аммо, дар давраи истиқлолият нисбати даврони шуравӣ дар бунёд сохтани оила вобаста ба пешравии иқтисодиёт ва беҳ гаштани сатҳи иҷтимоии сокинони ноҳия баъзе дигаргуниҳо ба амал омадааст. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ аксари ҷавонон баракси давраи шуравӣ, аз рӯи интихоби шахсӣ бо ҳамсари ояндаи худ хонадор мешаванд.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм "Маросими таваллуд"** муаллиф дар бораи расму ойинҳое, ки аз лаҳзаи таваллуди кӯдак то ба бузург шуданаш доир мегардад, маълумоти муфассали илмиро гирдоварӣ намуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди омӯзиши "Маросимҳои марбут ба таваллуд" муаллиф аз суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳияи Данғара муайян намудааст, ки таваллуди кӯдак, барои ташаккул ёфтани оилаҳои нав дар байни мардуми Данғара мавқеи хосеро доро мебошад. Ӯ ахбори додаи сокинони ноҳияро бо маъхазҳо ва маълумоти илмии олимони мардумшинос муқоиса намуда, ҷиҳатҳои фарққунандаро оид ба ин бахш муайян намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои пеш ва махсусан замони Ҳокимияти Шуравӣ барои таваллуди кӯдак бо сабаби набудани шароити хуби тиббӣ ва роҳу воситаҳои нақлиётӣ мардуми деҳот, ки навад дарсади аҳолии ноҳияро ташкил мекарданд, аз табибони анъанавӣ ё момодояҳо истифода менамуданд. Саҳми момодояҳо басо калон буд. Момодояҳо

«кампиракони зоянда» дар ҳар деҳаву маҳаллаи тоҷикон буданд ва як навъ табибони суннатӣ ба шумор мерафтанд.

Расм буд, ки падару модар ва бобову бибӣ бо маслиҳат ба тифли навзод ном гузоранд. Аксарияти мардум ба фарзандон номҳои зебои тоҷикӣ ва қисме аз онҳо бо таъсири маданияти исломӣ номҳои арабиасос мегузоштанд.

Ҳангоми паё пай мурдани фарзандон аз рӯи урфияти мардумӣ ба кӯдакон номҳои: “Сангак”, Ёфтак, “Ҷорӯб”, “Поргӣ”, “Гургак” ва амсоли онҳоро мегузоштанд.

Имрӯзҳо ҳисси худшиносиву худогоҳии мардум боло рафта, волидон мекушанд то ба фарзандонашон – чӣ ба писар ва – чӣ ба духтар номҳои зебои тоҷикӣ гузоранд, ки қобили қабул аст.

Баъд аз таваллуд кӯдак ва модари ӯро чун анъана “чиллабарорӣ” мекарданд. Чӣ хеле муаллиф навиштааст, то чилрӯза шудани тифл кӯдаку модаршро нигоҳубин мекунанд ва дар ин муддат онҳоро танҳо намегузоранд, ки ду сабаб дорад. Якум то ин муддат модари бемор набояд ба корҳои вазнин машғул шавад, зеро дар вақти риоя накардани ин муҳлат зан бемори зача (зардча) мегардад, ки аз он раҳоӣ ёфтан душвор аст. Дуюм мувофиқи урфу одати қадимӣ *аз ҳар гуна хавфу хатар ва қазову қадар* эмин мондани модар ва тифли навзоди он.

Гаҳворабандон кардани кӯдак яке аз суннатҳои қадима дар байни мардуми тоҷик мебошад ва гаҳвора дар байни тоҷикони минтақаи Кӯлоб аз замонҳои хело қадим мавриди истифода қарор дорад. Онро аслан устоҳои гаҳворасоз аз чӯби дарахти бед омода месозанд. Мувофиқи пажӯҳиши кардаи муаллиф «Дар давраи шуравӣ дар рӯзи нуҳуми таваллуд «кӯдак аз нуҳ гузашт аз кӯҳ гузашт» - гӯён ба хобондани он дар гаҳвора оғоз мекарданд. Дар давраи истиқлолият бошад, баъди овардани кӯдак ба хонаи падари арӯс дар *рӯзи истироҳати аввал* кӯдакро «гаҳворабандон» мекунанд. Ҳамсояҳо ва хешони наздик ба он даъват мешаванд». Яке аз одатҳои қадима, ки дар байни сокинони дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ хос аст, ин аст ки дар ин маърака “момоҳое, ки ба гаҳворабандон меоянд, бо худ яке аз наберҳояшонро меоранд” [11, с.68].

Барои пешгирӣ аз ҳар гуна бемори аз хизмати муллоҳо, кампиракони “дасташон эмдошта” ва табибони халқӣ тавсия мегирифтанд.

Дар миёни мардуми Данғара як қатор суннатҳо ба монанди «мӯйсаргирон» ва «хатнасур» низ роиҷ мебошад, ки то ҳол ин анъана идома дорад.

Писарбачаро то панҷ-ҳафтсола шуданаш хатнасур карда, ба қавли мардум, “дасташро ҳалол” ва духтарбачаро бошад, дар хурдсолӣ, асосан аз ду-семоҳагӣ то ба 4-5-солагӣ расидан гӯшашро сӯрох мекунанд, ки барои падару модар, чӣ хеле муаллиф қайд менамояд, фарз шуморида мешавад.

Ҳамин тариқ, дар баргузории тӯйҳо (хатнасур ва хонадоршавӣ), расму русуми тавлиди тифл, тарбияи он, хатнаи писарбача дар тули 70 соли мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ва давраи соиҳбистиқлолӣ қариб, ки дигаргуниҳо ба амал наомадааст. Тағйироти ночизи воридгашта куллан ҷиҳатҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ доранду халос.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ дар ноҳияи Данғара чун дар замони шуравӣ баъди таваллуди кӯдак онро аз рӯи анъана чиллабаророн, гаҳворабандон ва хатнасурашро баргузор мекунанд.

**Зербоби сеюми боби дуюм “Расми азодорӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки: Марг як ҳодисаи табиӣ бошад ҳам, як умр ҷудо шудан аз фарзандон, падару модар, дӯстон ва хешу табор ниҳоят аламнок аст. Аз ҳамин сабаб марг ва мотам дар давоми асрҳо дар байни халқҳои гуногун як силсила расму оинҳои хоси маросимиро ба вуҷуд овардаанд. Чӣ хеле ӯ менависад: расму русум вобаста ба марг ва гӯронидани майит нисбати дигар анъанаҳои мардумӣ қавӣ буда, беҳтар пойбарҷост.

Дар рафти суҳбатҳои саҳроӣ бо куҳансолони ноҳия диссертант муайян сохтааст, ки аз замони шуравӣ то алҳол, дар ноҳияи Данғара ба расму русуми оид ба марг кам дар кам тағйирот ворид гаштааст. Аммо дар рафтори сокинон ҳангоми мусибат дар рӯзи ҷаноза баъзе тағйиротҳо ба чашм мерасад, мисол: Солҳои пеш ба қад *ҳуй кардан* (кушодан)-и мӯй чун нишонаи азо, пора кардани либос, рӯйканию мӯйкании занҳо дар болои майит ҷой дошт [36, с.123]. Атрофи майит чак -

чакзанон ин тарафу он тараф қадам задан, рӯймолчаеро дар даст гирифта, аз нуги пой то тори сари майит онро расонда - расонда гиряю зорӣ кардани хешони наздик расм буд.

Солҳои 30-80-уми асри XX болои сари майит (махсусан агар он ҷавон мешуд) мӯйҳоро кандан, рӯйро бо нохун харошидани занҳо чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон ҷой дошт [36, с.123]. Ин корро махсусан модар ё апаю хоҳарони майит мекарданд.

Мувофиқи пажӯҳиши кардаи диссертант дар давраи соиҳбистиқлолӣ ин амалҳо кам мушоҳида мешаванд. Инро *бархилофи талаботи шариати ислом* шуморида, *«бо худо ҷанг мекунанд»* мегӯянд [22, с.86]. «ҳатто модароне ҳастанд, ки дар чунин рӯзи сахти ба сараш омада, дар миёнаш рӯймоли мардонаро баста, кӯшиш мекунад, ки мусибаташро ба дигарон кам нишон диҳад». Аммо, солҳои охир занҳое, ки хешованди хона нестанду *марсияхонӣ (нолакунӣ)-ро* пешаи худ кардаанд дар баъзе ҷанозаҳо бо хоҳиши ҷанозадор ва баъзан бе хоҳиши он иштирок мекунанд. Дар баъзе мавридҳо қуръонхонӣ ё *марсияхонию мадҳияхонӣ* мекунанд. Баъзан баъзе занҳои бегона, ки чунин мусибатро аз сар гузарондаанд, дар баробари хешони наздики майит гириста, «ғуссаҳои дилашон»-ро холӣ мекунанд.

Ҳангоми таҳқиқ муайян карда мешавад, ки дар анъанаҳо оид ба гӯрондани майит монандиҳо бо дигар қисматҳои Тоҷикистон баръалост, аммо фарқиятҳо низ дида мешаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки ин фарқиятҳоро дар намудҳои анъанавии нишон додани мусибат, тайёр намудани майит ба маросими ҷаноза, тайёрии аҳли маҳал ё гузар ба маросими ҷаноза, кандани қабр дидан мумкин аст. Ин ва дигар маросимҳо аз қабили: тариқаи ғусли майит (шустани майит ва раванди он), кафан кардан, маъракаи дуокунӣ (сафедипартоӣ), даврагардонӣ, омода намудани майит барои маъракаи ҷаноза, бурдани тобут, адои намози ҷаноза, ба қабр гузоштани майит ва ғайра то ба гӯрондани майит доир карда мешавад.

Баъд аз гӯрондани майит боз як қатор расму ойинҳо доир мегарданд. Аз ҷумла: ба хонаи майит баъд аз сари қабр омада дуо кардан, азодорӣ, се рӯзи баъди хоксупорӣ дар хонаи мурдадор дуову фотиҳа кардани хешу табору ҳамсояҳо ва

ғайра. Илова бар ин, дар хонаи мурдадор то як сол анъанаҳои дигар: аз қабили “себегоҳина”, “ҳафта”, “чил”, “шашмоҳагӣ”, “сари сол” ва “дастархонҷамъкунӣ дар рӯзи фавти майит” вуҷуд доранд, ки мардум то солҳои наздик ҳамаи онҳоро пурра мегузаронданд. Аммо ин суннатҳо аксарияташон дар миёни мардум ҳамчун анъанаҳои иртиҷоӣ буду масрафоти зиёдеро дар пай дошт. Баъди қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [18] аз соли 2007 гузарондани ин маъракаҳо ба танзим дароварда шуданд. Ин қонун то як андоза пеши роҳи зиёдаравӣ ва хурофотпарастиву масрафкориро дар миёни мардум гирифт.

Ҳамин тариқ, ҳангоми мусибат дар ҳамсоядорӣ аҳли маҳал бо роҳбарии раиси маҳалла ё муллои гузар барои хуб гузаштани маросими ҷаноза тайёрӣ мебинанд.

Дар Данғара чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон маросими ҷаноза дар давраи шуравӣ пас аз як рӯзи мавт гузаронида мешуд. Фарқ аз замони шуравӣ дар давраи соиҳбистиқлолӣ вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ин маросим дар рӯзи мавт бо харҷи кам бе “сартахта” гузаронида мешавад.

**Боби сеюми рисола “Бозиҳои мардумӣ ва варзиши суннатӣ дар ноҳияи Данғара”** унвон дорад, ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат, мавсимӣ ва бозиҳои бачагону наврасони мардуми ноҳияи Данғара мавриди арзёбӣ шудааст. **Зербоби якуми боби сеюм “Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ”** номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор муаллиф намудҳои варзиш ва бозиҳои мардумиро асосан ба ду қисм ҷудо намуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки: мардуми Данғара мисли дигар сокинони Тоҷикистон ҳангоми фориғ будан аз корҳои саҳро ва хоҷагии шахсӣ махсусан, аз охири фасли тирамоҳ то даромади фасли баҳор ба бозиҳои гуногун машғул мешуданд.

Ҳангоми пажӯҳиш ӯ муайян месозад, ки қисме аз бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони Данғара паҳн шудаанд, эҷоди худи мардуми Данғара буда, тафаккур ва завқи бадеии ин мардум дар онҳо дарҷ гаштааст. Қисми дигари онҳо бо

бозиҳои мардуми ноҳияҳои Темурмалик, Балҷувон, Восеъ, Фархори минтақаи Кӯлоб ва дигар қисматҳои Тоҷикистон монанд буда, ба бозиҳои халқии баъзе мамлакатҳои ҳамсоя низ қаробат доранд.

Муаллиф менигарад, ки бозиҳои мардумӣ дар шароити маҳал барои ташаккулёбии ҷисмониву руҳии кӯдакону наврасон нақши муҳим бозида, ҷиҳати обу тоб ёфтани ҷисму руҳи кӯдакону наврасон бештар таъсири мусбӣ доранд. Аз ин рӯ ба андешаи вай зарур аст, ки дар шароити рушди фановариҳои муосир бояд кӯдакону наврасонро бештар ба бозиҳои мардумӣ ҷалб намуда, тарбият намоем. Зеро, ки онҳо дар ҳама мавсими сол дар солим нигоҳ доштани насли наврас мусоидат менамояд.

Дар ин зербоб диссертант дар бораи варзиш ва бозиҳои варзишӣ таҳқиқот анҷом дода, аз боби бузкашӣ, гӯштингирӣ, бандкашӣ бо гардан ва ғайра, ки дар миёни мардуми ноҳияи Данғара маълуму машҳур мебошанд, маълумоти муфассал зикр намудааст. Маълумотҳоро муаллиф ҳангоми сафар ба қисматҳои ҷудогонаи ноҳия бо усулҳои пурсиш, суҳбати рӯ ба рӯ ва мушоҳида кардан таҳқиқ намуда, онҳоро бо дигар маъхазҳои илмӣ муқоиса намудааст.

Ҳамчунин, ӯ дар ин қисмати кор бозиҳои маъмулиеро, ки дар миёни мардуми Данғара мавҷуданду аслан онҳоро наврасону ҷавонон бештар доир менамоянд, ба ду қисм: бозиҳои мавсимӣ ва серҳаракат ҷудо намуда, баррасӣ намудааст. Доир ба ҳар як қисми бозиҳо маълумоти муфассал додааст.

Аз тарафи муаллиф муайян шудааст, ки дар даврони шуравӣ мардуми Данғара ба бозиҳои варзишӣ ва мардумӣ зиёд машғул мешуданд. Ин раванд барои фаро гирифтани наврасон бо шуғли тарбияи ҷисмонӣ ва обу тоби бадан мусоидат менамуд, зеро дар он замон дар шароити маҳал инфрасохтори фарҳангиву фароғатӣ ва бозиҳо кам мавҷуд буд. Танҳо фарогирии ин бозиҳо ба истироҳати кӯдакон, гузарондани вақт ва ташаккулёбии ҷисми наврас мусоидат мекард.

Бозиҳои мавсимӣ асосан дар вақти иду ҷашнҳо, ба монанди ҷашни Наврӯз, идҳои динии рамазону қурбон ва ғайраҳо баргузор мегардидиданд, ки як қисми ин бозиҳо

хусусияти фароғатӣ ва қисми дигарашон бошад, хусусияти варзишӣ доштанд.

Ба бозиҳои мавсимии: ҷашнӣ, идҳо “тухмбозӣ”, “чормағзбозӣ” “ҳойравӣ” (арғунчакбозӣ), “дастхобонӣ” ва ғайраро дохил карда, мегӯяд, ки ҷавонону калонсолон дар лаҳзаҳои фориғ аз корҳои саҳроию хоҷагӣ ва дар иду ҷашнҳо ба ин бозиҳо машғул шуда, кӯдакон дар фасли зимистон ба бозиҳои “почобозӣ” (подшоҳбозӣ), “тути тал”, “чашмбандак” ва дигар бозиҳо шуғл меварзиданд.

Бозиҳои варзишӣ аз қабили “арғамчинкашӣ”, “бузкашӣ” ва “гуштингирӣ” барои солим нигоҳ доштани тан, бозиҳои серҳаракат аз қабили “ликакбозӣ” “харакамбор” (адмирно), “ҷанҷулабозӣ”, “тарзанбозӣ”, барои солим нигоҳ доштану болидаруҳӣ ва бозиҳои мавсимӣ аз қабили: “тухмбозӣ”, “арғунчакбозӣ” ва ғайра барои болидагии руҳ мусоидат мекунанд.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ инфрасохтори фарҳангиву фароғатӣ аз ҷумла майдончаҳои варзишӣ дар назди мактабҳо, маҳаллаҳо, гузарҳо, деҳаҳо зиёд гашта, кӯдакон бештар ба бозиҳои варзишӣ ва компютерӣ шуғл меварзанд.

Ҳамин тариқ, дар ин зербоб доир ба варзиш, бозиҳои варзишӣ, бозиҳои мавсимӣ ва ғайра аз ҷониби диссертант маълумоти муфассал дода шудааст.

Диссертант қайд намудааст, ки: ба бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар баробари калонсолон кӯдакону наврасон ва ба бозиҳои варзишӣ бештар ҷавонон ва калонсолон шуғл доранд.

Бозиҳои варзишӣ, аз қабили “арғамчинкашӣ”, “бузкашӣ” ва “гӯштингирӣ” барои солим нигоҳ доштани тан; бозиҳои серҳаракат, аз қабили “ликакбозӣ”, “чиликдангал”, “адмирно”, “ҷанҷулабозӣ”, “тарзанбозӣ” барои солим нигоҳ доштану болидаруҳӣ ва бозиҳои мавсимӣ, аз қабили: “тухмбозӣ”, арғунчакбозӣ ва ғайра барои болидагии руҳ мусоидат мекунад.

**Зербоби дуюми боби сеюм “Бозиҳои бачагону наврасон”** номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор муаллиф дар бораи бозиҳое, ки дар миёни бачагону наврасони ноҳияи Данғара вуҷуд доранд, маълумот додааст. Омада, ки бозиҳои дар миёни бачагону наврасони ноҳияи Данғара мавҷудбуда, як навъ

ҳаммонандие ба бозиҳои минтақаҳои дигари Тоҷикистон ва умуман бозиҳои Осиёи Марказӣ доранд. Аммо ин бозиҳо дар миёни мардуми ноҳияи Данғара бо баъзе хусусиятҳо ва иҷроишу талаффузашон аз ҳамдигар фарқ низ доранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар тӯли 70 соли мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ноҳияи Данғара намояндагони дигар миллату халқиятҳои ИДСС (СССР) омада, умр ба сар бурдаанд. Дар ин муддат аз онҳо баъзе унсурҳо ба бозиҳои маҳаллӣ дохил гаштааст, ки имрӯз эҳсос мегарданд. Масалан дар бозии "замри" каме тағйирот ба амал омада, номашро дигар "точка вергул" меномидагӣ шуданд. Дар ҷанҷулабозӣ низ тағйирот ворид гашта, онро на бо ҷанҷула, балки бо тубчаи резинӣ бозӣ карда, номашро "лабту" гузоштанд.

Яке аз бозии қадима, ки солҳои пеш дар Данғара хурду калон бозӣ мекарданд, "тути тал" ном дошт. Ин бозӣ дар аксар ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо номҳои мухталиф ёд мешавад. Гарчанде рафти ин бозӣ дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон бо ҳам монананд, аммо матни таронае, ки дар ин бозӣ аз тарафи бозигарон суруда мешавад, каме фарқият дорад, ки он дар рисолаи илмӣ оварда шудааст.

Дигар бозии роиҷ дар миёни наврасони ноҳияи Данғара "хоначабозӣ" буд, ки кӯдакон онро бо номҳои гуногун аз қабили: "хоначабозӣ", "лоқбозӣ", "луфтакбозӣ" ё "зочабозӣ" истифода мебаранд.

Дар рафти "гълакбозӣ" бачаҳо аз чинипораҳо истифода мекунанд. Муайян карда шуд, ки бозии "рустшавакон" бозии маъмулӣ ва дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ паҳншуда буда, дар Данғара бо номҳои "баҷошавак", "суркунакон" байни писарону духтарон якранг мегузарад.

Бозии "зоғ парид" аз кӯдакон мушоҳидакориву бодиққат буданро талаб мекунад. Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шуд, ки ин бозӣ фақат хоси мардуми Данғара набуда, онро дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои мухталиф бозӣ мекунанд. Дар водии Рашт он бо номи «буданапринг» ва «зоғпринг» машҳур аст [36, с.103]. Дар водиҳои Ҳисору Зарафшон бошад, бо номи «будана парид» ва «пар-пар» маъруф мебошад [32, с.42-43].

“Арғамчинбандон”-ро кӯдакон дар саҳни ҳавлии хона ё боғча бозӣ мекарданд. “Тарзанбозӣ”-ро бошад, дар деҳаи Ҷартеппа (ҳозира Хуррамзамин) бачаҳо дар болои дарахтони ду тарафи роҳ мебозиданд. “Чашмбандак” бозии маъмулӣ буда, байни мардумони Иттиҳоди Шуравӣ бо номҳои гуногун паҳн шуда буд. Бозии “саворон савор, ё пиёдаҳо” дар як гузар ё деҳаи хурд гузаронда шуда то “намози шом” давом мекард. “Арғунчакбозӣ” ба монанди “санчилбозӣ” хусусияти рамзӣ дошта, онро дар рӯзҳои иди Наврӯз духтарони қадрас ва кӯдакон бозӣ мекунанд. “Бучулбозӣ” дар Данғара айни ҳол кам ба назар мерасад, аммо дар овони шуравӣ он машҳур буд ва бозиро бо номҳои “бологузарак”, “нахшак”, “даврабозӣ”, “харкуш”, “аралаш” ва “гулчӣ” хурду калон бозӣ мекарданд.

Гарчанде, бучулбозӣ яке аз бозиҳои қадимтарин ва маъмулии мамлакатҳои ҷаҳон бошад ҳам, аммо дар рафти таҳқиқот муайян гашт, ки баъзе аз намудҳои он ба мисли: «давра» ва «гулчӣ» дар дигар ҷойҳо вонахӯрда, маҳз эҷоди мардуми Данғара мебошанд.

Яке аз бозҳои маъмулӣ дар байни сокинони Тоҷикистон ин подшоҳбозӣ мебошад, ки онро аксаран бачаҳо ва баъзан калонсолон дар деҳаҳо фориғ аз корҳои саҳро дар фасли зимистон мегузаронанд. Дар рафти таҳқиқот муайян шуд: «Подшоҳбозӣ» фақат хосси ноҳияи Данғара набуда, балки онро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо каме дигаргуниҳо бозӣ мекунанд.

Ин бозӣ аз бозигарон маҳорат, шухтабиат будан, бо дигарон муросо кардан ва интихоби дурусти амалро талаб намуда, дар он шӯхию хӯрсандӣ зиёда дида мешавад. Дар рафти бозӣ кӯдакон хушҳол гашта, ҳолати руҳии онҳо болида мегардад.

Ба бозиҳое, ки чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ имрӯз байни писару духтаракон машҳур ҳастанд, “подшоҳбозӣ” “дурадармех”, “ланкабозӣ”, “макмакбозӣ”, ”ликакбозӣ”, ва “ҷанчулабозӣ”-ро дохил кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, зимни омӯзиш ва баррасӣ маълум гардид ки сокинони ноҳияи Данғара махсусан дар даврони шуравӣ, дар лаҳзаҳои фориғ аз корҳои саҳроӣ ва хоҷагӣ ба бозиҳои гуногуни варзишӣ ва мавсимӣ шуғл меварзиданд. Бозиҳо ба ду

гурӯҳ тақсим мегаштанд. Бозиҳои варзишӣ ва бозиҳои мавсимӣ. Ба бозиҳои варзишӣ аз қабили: “бузкашӣ”, “аспсаворӣ”, “гӯштингирӣ”, “камонварӣ” ва ғайра бештар ҷавонон ва калонсолон машғул буданд. Ба бозиҳои мавсимии “тути тал”, “рустшавакон”, “почобозӣ”, “буҷулбозӣ”, “чиликдангал” ва ғайра бошад, дар баробари калонсолон бештар кӯдакон ва ҷавонон машғул мегаштанд. Ин бозиҳо барои солимгардонии тан ва рӯҳ воситаи муфид буд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) чунин натиҷаҳо ба даст омад

1. Олимони рус, ки дар қатори онҳо симоҳои барҷастаи таърихнигории он замон буданд, аз аввалинҳо шуда ба илми мардумшиносии тоҷик поягузорӣ намудаанд. Онҳо ҳақиқати ҳаёти иҷтимоӣ: маданият ва рӯзгордории тоҷикон, хусусан мардуми кӯҳистонро нишон додаанд. Аммо дар баробари ин бояд қайд кард, ки бинобар сабаби дуруст ошно набудан бо фарҳанги миллӣ, минтақавӣ, анъана, маросимҳо ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик онҳо на дар ҳама маврид ба анъанаҳои мардуми маҳаллӣ баҳои дурӯст ва объективона додаанд. Зеро, ки анъанаҳои халқи тоҷик дар ҳар як минтақа вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқлимӣ ва дигар унсурҳои табиӣ дорои хусусиятҳои хос ва фарқкунанда мебошанд. Аз ин лиҳоз дар шароити кунунӣ зарурати омӯзиши фарҳанги минтақаҳо, расму анъанаҳо ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик аз тарафи олимони ватанӣ зарур аст.

2. Пажӯҳиши гузаронидашуда дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии олимони хориҷиву ватанӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ ва пурсишҳо нишон дод, ки фарҳанги суннатии мардуми ноҳияи Данғара дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

3. Фарҳанги суннатии мардуми Данғара ҳамчун як бахши ҷудонашавандаи мероси миллӣ, арзиши бузурги таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дорад. Бо вуҷуди дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоии асрҳои XX ва XXI, ин фарҳанг тавонист пойдор

монад ва ба ҳайси рамзи ҳувияти миллӣ ва худогоҳии мардум хизмат кунад.

4. Фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша сарчашма мегиранд, ташаккул меёбад. Бинобар ин, омӯзиши фарҳанги анъанавии мардуми ноҳияи Данғара ҳамчун як ҷузъи муҳимми фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷикон, барои таҳқиқот ва омӯзиш дар илми мардумшиносӣ амри вақт мебошад.

5. Ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву таърихии ноҳияи Данғара ба таври бояду шояд аз тарафи доираҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Махсусан оид ба ҷуғрофияи Данғара сарчашмаҳои хаттӣ хеле кам мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз маълумотро оиди ҷуғрофия, тақсимоти маъмурӣ, ки ба давраҳои шуравӣ ва истиқлолият нисбат доранд, дар як ҷо ҷамоварӣ намуда, ба шакли муайян вориди доираи илмӣ даровarданро зарур мешуморем.

6. Ноҳияи Данғара яке аз мавзеъҳои аҳолинишини хеле ҳам қадима буда, дар замонҳои гуногуни таърихӣ одамон дар ин сарзамин сукунат доштаанд. Таърихи давраи санг дар ноҳияи Данғара нисбати дигар минтақаҳои Тоҷикистон хубтар таҳқиқ шудааст, ки ин гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад.

7. Миёни олимон ва муҳаққиқон оиди ҷойном [топоним]-и Данғара андешаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Истилоҳи “данғара” калимаи ориёӣ буда, асли калима ба замонҳои ниҳоят қадими зиндагонии аҷдодони тоҷикон рафта мерасад. Он аз ду қисм Дан-об ва ғар ё ғара-кӯҳ иборат аст, яъне маънои калимаи Данғара ин обе, ки аз таги кӯҳ мебарояд, мебошад.

8. Дар шароити соҳибистиқлолӣ дар кишвар омӯзиши фарҳанги суннатӣ аҳаммияти калон дорад. Чунки эҳё ва ҳифзи мероси фарҳанги мардумӣ ва расму ойинҳо ба таҳкими худшиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, ваҳдат ва рушди фарҳанги миллӣ замина фароҳам меоварад.

9. Фарҳанги таҷлили Наврӯз дар ноҳияи Данғара бо хусусиятҳои хоси маҳаллӣ таҷассум меёбад. Масалан, Наврӯз бо расму ойинҳои хосси кишоварзӣ, бозиҳои мардумӣ,

мусобиқаҳои варзишӣ, омода ва намоиши таъомҳои миллӣ ва дигар суннатҳои мардумӣ таҷлил карда мешавад.

10. Маросимҳои мардумӣ аз қабили тӯйҳои арӯсу домодӣ, хатнасур ва дигар анъанаҳои дар миёни мардуми ноҳияи Данғара роиҷбуда, бо тамоми аносири мардумии маҳаллӣ гузаронида мешавад. Ин анъанаҳо дар миёни мардум аз замонҳои қадим пайдо, рушду ташаккул ёфта, то замони мо омада расидаанд.

11. Ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияи он дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми ноҳияи Данғара нақши муҳим дорад. Вобаста ба таваллуди тифл як қатор маросимҳои муайян аз лаҳзаи таваллуд то ба хатнаи кӯдак суннатҳои хосе мавҷуданд.

12. Аз замони шуравӣ то ба давраи соҳибистиқлолӣ дар маросимҳо вобаста ба таваллуди тифл тағйиротҳо кам ворид шудаанд. Он тағйиротҳои ҷузъие, ки ворид гаштаанд, вобаста ба болоравии сатҳи иҷтимоии мардум дар замони соҳибистиқлӣ аст.

13. Унсурҳои муайяни маросими азодорӣ ва анъанаҳои марбут ба он дар минтақаи Кӯлоб аз ҷумла ноҳияи Данғара новобаста аз таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсии замони шуравӣ ҳифз гардида, баъзе аз аносири динӣ ва суннатҳои мардумиро дар худ нигоҳ доштааст. Ин хусуссият аз дилбастагӣ ба суннатҳои миллии мардумони ин минтақа шаҳодат медиҳад.

14. Дар ҳаёти иҷтимоии мардуми Данғара бозиҳои суннатӣ ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ҷисмониву ахлоқӣ барои насли наврасу ҷавон аҳаммияти ниҳоят бузург доранд. Бо вуҷуди ин, зуҳурёбии бозиҳои компютерӣ ва шаклҳои нави фароғат боиси камтаваҷҷуҳии наврасону ҷавонон ба ин мерос ва суннатҳои мардумӣ гардидааст.

15. Тарғиби бозиҳои суннатӣ дар мактабҳо ва марказҳои варзишӣ ҳамчун василаи тарбияи ҷисмонӣ ва маънавӣ бо мақсади таҳкими худшиносии миллӣ зарур аст.

16. Расму анъанаҳои мардуми Данғара дорои ҳаммонандии зиёд пеш аз ҳама бо гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва дигар минтақаҳои Тоҷикистонро дорад. Аммо, бо баъзе хусусиятҳои маҳаллӣ ба монанди тарзи баргузории

маросими арӯсӣ, ороиши хона, истифодаи истилоҳоти гуфторӣ ва ғайра каме тафовут доранд.

17. Дар расму анъанаҳо, нисбати замони шуравӣ дар давраи истиқлолият каме тафовут ба вуҷуд омадааст. Дар давраи шуравӣ бо вуҷуди сиёсати якрангсозӣ ва маҳдуд намудани мавқеи баъзе аз расму ойинҳо, мардуми Данғара тавонистанд қисмати зиёди мероси суннатии хешро ҳифз намоянд. Дар шароити соҳибистиқлолӣ барои эҳёи ҷашну маросимҳо ва ҷиҳати зинда нигоҳ доштани ин анъанаҳо бо дастгирии давлат заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Доир ба мавзуи диссертатсия, ки давраи омӯзишии он фарогири замони шуравӣ ва давраи истиқлолият аст, бароиояндабинии он дар ҳудуди ноҳияи Данғара ва берун аз он аз ҷониби муаллиф чунин тавсияҳо пешниҳод мегарданд:

1. Тадқиқоти мазкур саҳми назаррас дар омӯзиши этнографияи тоҷикон дошта, метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда, барномаҳои фарҳангӣ ва фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ истифода шавад.
2. Эҳёи унсурҳои фаромӯшшудаи маросимҳо ва бозиҳои суннатӣ тавассути барномаҳои таълимию фарҳангӣ ва истифодаи расму ойинҳои суннатӣ дар ҳаёти муосир бо риояи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо».
3. Ҷашнгирии иди Наврӯз дар шакли суннатии он бо дарназардошти хусуссиятҳои хоси ҳар як маҳал дар омезиш бо унсурҳои ҷадид ба хотири зинда нигоҳ доштани он.
4. Барои дар рӯҳияи худшиносии миллӣ тарбия кардани ҷавонон тарғиб намудани ҷиҳатҳои хуби ҷашнҳои арӯсии сокинони ноҳияи Данғара ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон.
5. Истифодаи бозиҳои мардумӣ ҳангоми машғулият ва дарсҳои варзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кӯдакистонҳо.
6. Эҳёи баъзе бозиҳои сунатии фаромӯшгашта, мусоидат ва паҳн кардани онҳо бо роҳи тарғибот ба хотири пешгирӣ кардани зарари бозиҳои компютерӣ дар байни кӯдакони синни мактабӣ.

7. Дар китобҳои дарсии мактабӣ аз фанҳои таърих ва география ҷой додани мавзуҳои марбут ба мардумшиносии тоҷик.

8. Аз сабаби кам омӯхта шудани масоили мардумшиносии ноҳияи Данғара, ташкил кардани экспедитсия аз тарафи шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Салимзода, Ф.Ф. «Сохтани манзил ва ҷиҳози хона дар байни бошандагони ғайритоҷики ноҳияи Данғара»/ Ф.Ф. Салимзода// Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 4 (016), 2021. – С. 32-38.

[2-М] Салимзода, Ф.Ф. “Нақши тангаҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна дар муайян намудани таърихи ноҳияи Данғара”/ Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 7, 2022.– С. 85-92.

[3-М] Салимзода, Ф.Ф. «Данғара сароғози ниёгон»/Ф.Ф. Салимзода// Гузориши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). № 2, 2022. – С. 68-73.

[4-М] Салимзода, Ф.Ф. Бунёд ва тарзи рӯзгордории сокинони ноҳияи Данғара (то солҳои 50-уми асри XX)/ Ф.Ф. Салимзода// «Муаррих», № 4, 2022. – С. 68-73.

[5-М] Салимзода, Ф.Ф.“Ҷуғрофиёи таърихии Данғара дар даврахои бекигарӣ ва баъдиинқилобӣ”/Ф.Ф. Салимзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 1, 2023. – С. 30-36.

[6-М] Яқубов, Ю., Салимзода, Ф.Ф. Мулоҳизаҳо доир ба бозиҳои бачагонаи ноҳияи Данғара / Ю. Яқубов, Ф.Ф. Салимзода // “Паёмномаи фарҳанг” Нашрияи илмию таҳлилӣ №4 (64), 2023. – С. 12-20.

[7-М] Салимзода, Ф.Ф. Доир ва таҷлили Наврӯз дар ноҳияи Данғара / Ф.Ф. Салимзода // “Паёмномаи фарҳанг” Нашрияи илмию таҳлилӣ №3 (71), 2025. – С. 13 - 21.

## II. Мақолаҳо ва интишороте, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[8-М] Салимзода, Ф.Ф. Водии Данғара. Таҳлили кишваршиносӣ [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // – Душанбе: Бебок, 2021. – 431 с.

[9-М] Салимзода, Ф.Ф. Шуғлҳо ва ҳунарҳои мардуми Водии Данғара. Таҳлили мардумшиносӣ [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // – Душанбе: Бебок, 2022. – 383 с.

[10-М] Салимзода Ф.Ф. Анъанаҳои мардумии хонадоршавӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2021). [Матн] / Ф.Ф. Салимзода «Мақолоти таърихӣ» (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). - Душанбе: “Шоҳин-С”, 2022. – С. 45-59).

[11-М] Салимзода, Ф.Ф. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Дар мисоли ноҳияи Данғара) [Матн] /Ф.Ф. Салимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (маҷаллаи илмӣ) – 2023: №1. – С. 226-233

[12-М] Салимзода, Ф. Тӯйи домоду арӯсӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара (дар замони истиқлолият) [Матн] / Ф. Салимзода // Конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-назарявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. - Данғара 8 июни соли 2024. – С. 203-208.

[13-М] Салимзода, Ф.Ф. Фарқият, ҳолат ва нигоҳи мардум нисбат ба мазорҳо ва гӯронидани майит (дар мисоли ноҳияи Данғара) [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». - Данғара 13-уми июни соли 2025. С. – 165 - 169.

[14-М] Салимзода, Ф.Ф. Маросими «Ашаглон»-и ростина дар Данғара [Матн] / Ф.Ф. Салимзода // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». - Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 152 - 155.

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ
ИМ. А. ДОНИША

УДК: 39 (575. 3) (09) *На правах рукописи*

САЛИМЗОДА ФАТХИДДИН ФАЙЗИДДИН

# НАРОДНЫЕ ТРАДИЦИИ, ОБЫЧАИ И ИГРЫ В ДАНГАРИНСКОМ РАЙОНЕ
## (1924-2024 г.)

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.00 – Исторические науки и археология 07.00.07. – Этнография, этнология и антропология

Душанбе – 2025

Работа выполнена в отделе этнологии и исторической антропологии Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Национальной академии наук Таджикистана

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Якубов Юсуфшо** – академик НАНТ, главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им А. Дониша, |
| **Официальные оппоненты:** | **Расулён Каххор Расул** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета |
| | **Сафаров Холмад Хоркашович** – кандидат исторических наук, дотсент кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки |
| **Ведушая организация:** | **Ходжентский государственный университета им. Бободжона Гафурова** |

Защита состоится 25 декабря 2025 года в 13.00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА – 093 по защите диссертаций на соискание ученой степени кандидат истарических наук и доктора истарических наук при Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганды Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33) и на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute–history.tj)

**Автореферат разослан «____» ________________ 2025 года**

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**доктор философии (PhD)**
**по специальности история.** **Мирзоев Ш.Дж.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** С приобретением государственной независимости Республики Таджикистан национальные ценности нашего народа в том, числе: традиции и обычаи, и другие культурно-исторические ценности приобрели новые подходы благодаря заслугам и поддержке Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона.

Этот процесс оказал положительное влияние на развитие национальной государственности, и таджикская нация поэтапно начал возродить свои культурно-исторические ценности, постепенно внесли в современное общество культурные ценности, традиции, обряды обычаи своих предков.

В условиях независимости изучение историко-культурные особенности каждого региона республики стали необходимым импульсом для национального самосознания народа и его идентичности.

Это позволило изучать исторические, культурные, природные и другие малоизвестные жизненно - важные аспекты народа, нашли новые пути и средства для их углубленного изучения и возрождения. Одновременно это было началом познания мировым сообществом развитию общественной жизни Таджикистана, знакомство с историей и древней цивилизацией таджикского народа.

Республика Таджикистан уникален своими разнообразными природными условиями, и соответственно, каждый ее регион (включая Кулябский регион), имеет свою собственную культуру, традиции, праздники, обряды и обычаи идентичные только представителями этой части Таджикистана. В связи с этим его изучение и исследование в современных условиях имеет особое значение для широкого научного сообщества, особенно для этнографов и этнолингвистов.

Основатель национального мира и единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон говорил: «Изучение истории – это не только знание

прошлого, но это перспектива, освещающая будущий путь развития нации и перспективы государственности, для национального единства и развития, служит историческому мышлению будущих поколений» [38, с. 8].

Из истории прошлого известно, что Дангара являлось одним из городов где было много жителей и он находилься в «препутье» где с каждом стороной проходилы караваны с товарами и большое количество отар мелкорогатого скота.

В настоящее время Дангара является одним из основных транспортных узлов к столице республики г. Душанбе.

Фольклорист Ф. Мурадов говорил: «Дангара остается огромным караван-сараем, который всегда был очень гостеприимным» [40]. И в наши дни Дангаринский район является одним из крупных и значимых районов Хатлонской области и имеет свои уникальные культурные, социальные и литературные традиции. Поэтому изучение этнографии и культурных ценностей столь крупного района республики, необходимо для изучения истории и культуры республики. С течением времени те древние праздники, обряды и народные игры, которые когда-то были популярны среди населения практически не сохранились, лишь небольшое количество из них дошли до наших дней, а многие из них безвозвратно утеряны.

По данным этнографической экспедиции НИИ культуры и информации, проходившей в Кулябском регионе в 2017 году, известно, что «...традиционные детские игры очень редки среди детей и подростков некоторых районов Кулябского региона» [28, с.175]. Поэтому нам необходимо приложить усилия для изучения народных традиций этого района Таджикистана.

Кроме того, в наши дни, с согласия центральной власти, из горной части Дарваза и Нурабада на Дангаринскую равнину переселилось население, которое привнесло сюда свои традиции и обычаи, которые смешиваются с обычаями местного населения. Поэтому и с этой точки зрения важно изучать местные традиции.

Традиции, связанные с рождением и воспитанием ребенка, формированием семьи и ритуалам захоронением

жителей Кулябского региона, в том числе Дангаринского района, отличаются от жителей других регионов страны. Хотя обычаи жителей Кулябского региона имеют много общего с жителями других регионов Таджикистана и арийскими народами, но имеются и отличительные особенности, зависящие от географической и исторической среды, культурной и общественной жизни.

В последние годы наше общество претерпело радикальные изменения и утратило часть своей нематериальной культуры. Поэтому, чтобы сохранить культурные ценности нации, нам необходимо научное изучение и исследование каждого региона Таджикистана с использованием широких возможностей которые дала нам независимость заниматься научным иследованием данного вопроса.

С другой стороны, в период независимости создалась широкая возможность для углубленного изучения национальных праздников, обрядов и ритуалов, чем нам, исследователям, следует воспользоваться, и поэтому мы поставили перед собой цель восполнить этот пробел. Также еще одной значимостью исследуемой темы является то, что автор подробно проанализировал взаимоотношения и социокультурные связи Кулябского региона, на примере Дангаринского района, с другими регионами Таджикистана с точки зрения этнографии, и рассмотрел их интеграцию в советское время и в период независимости.

**Степень изученности темы.** Вопрос традиции, обичаи и национальные игры Кулябского региона на примере Дангаринского района до сих пор полностью не повергались исследованию. Поскольку исследования этого направление началась ещё в начале XX века со стороны русских иследовалтелей, однако до сих пор культура жителей Дангаринского района не были схвачены научным иследованием в полном формате.

Существует разносторонные разрозненые исследования в виде отдельных статей, автобиографических воспоминаний, публистики которых можно разделит в нижеследующих групах:

**В первую группу** вошли труды историков-этнографов, исследователей фольклора, российских и таджикских исследователей и путешественников. В эту группу входят исследования таких учёных, как - Н.А. Маев [21], Г. Арандаренко[12], В.В. Бартольд [14], Д.Н. Логофет [20], П.И. Демизон [2], И.И. Зарубин [5], М.С. Андреев [11], Н.А. Кисляков [36], А.К. Писарчик [36], Б.Х. Кармышева [45], С. Айни [9], М.Р. Рахимов [31], О. Муродов [25], А. Мардонова [22,23], А.М. Мухторов [26], Р. Махмадшоев [24], Р. Амонов [10], Х. Пирумшоев [30], Л.Н. Додхудоева [17], З. Юсуфбекова [17], М. Шовалиева [17], Н. Турсунов [38], Ш. Сафаров [35], Д. Рахими [32] и др. В их работах отражены обычаи, традиции и игры таджиков различных регионов Таджикистана и за его пределами с конца XIX века до современной эпохи .

Ко **второй группе** исследований относятся научные работы по истории, географии, этнографии и другим областям Дангаринского района и Кулябского региона в целом. Следует отметить, что в некоторых книгах и статьях даны краткие сведения об истории, этническом составе, некоторых обрядах, ремеслах и народных играх этого региона. Например, в научных трудах Ш. Юсупова [43], Ю. Якубова [44], Н.Х. Нурджанова, Г. Гоибова [16], Т.Г. Филимоновой, У. Шерхона [42], А. Азизова и др [8], Ф. Салимзода [34] вопросы изучения и исследования этнографии Кулябского региона в частности Дангаринского района приведены в виде отдельных рефератов.

**Третья группа** включает устные сведения собраным автором и изданные работы по фольклору населения Дангары. К настоящему времени опубликовано несколько научных статей и фольклорных сборников, отражающих устные аспекты культуры народов Кулябского региона и Дангаринского района. Так, в 2002 году был издан «Фольклор Дангары», составленный Ф. Мурадовым [40], в 2006 году большая коллекция фольклористов С. Фатхуллоева и Ф. Мурадова вышла в свет под названием «Фольклор Куляба» [41], который состоит из предисловия составителей и примеров поэзии и прозы жителей Кулябского региона, причем составители сгруппировали тексты по следующим жанрам и

темам: раздел «Рубайят» разделен на следующие темы: «Разлука», «Фортуна», «Судьба» и «Смерть». Другие разделы: весна, новый год, песни о любви; свадебные песни, танцевальные песни, детские песни, похоронные, чужбинные песни, юмористические и анекдоты, трудовые песни, исторические песни, комедии; пословицы и поговорки; отрывки из эпоса «Гургули».

Материалы для книги «Фольклор Куляба» [30] были собраны в Кулябе, Восе, Муминабаде, Сари Хосоре, Дангаре, Кангурте, Фархоре, Темурмалике и др. районах составителями, фольклористами, литераторами и студентами в разные годы.

Сборник «Фольклор Дангары» [40] подготовил доктор филологических наук Файзали Мурадов. В него вошли в основном фольклорные тексты: песни, стихи, рубаи и куплеты, загадки, пословицы и сказки, что можно их исползоват в траурные песни.

Помимо этих сборников, в процессе написания диссертации, автор лично собрал и зафиксировал множество примеров народного фольклора, которые были помещены в его изданных книгах и статьях. Часть этого устного материала составляют сведения о ряде народных традиций, таких как свадебные и траурные обычаи и обряды, разъяснение игр, способ празднования национальных праздников и т. д., которые были непосредственно использованы при написании настоящей работы.

**В четвертую группу** входят труды, которые имеют непосредственное отношение к теме диссертационного исследования. По исследуемой нами проблеме опубликовано несколько статей и сборников, ниже мы приведем наиболее важные из них.

Сборник статей исследователя Абдуллоева Акобира [7] посвящен вопросам фольклора и этнографии Кулябского региона. В нем рассмотрены деятельности дангаринского народного сказителя эпоса «Гургули» Мулло Азима, изготовителя музыкальных инструментов Сайидислама Устогуляма, ремесленников изготовителей вьючных аммуниций (седло, стремена, удилы, и.т.п.) села Яккатут Корезского джамоата, представлены знания и опыт

